**Хулосаи**

комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-064 дар назди Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (АИКТ) оид ба диссертатсияи Намозов Амонулло Каримхонович дар мавзӯъи «Омӯзиши агробиологии коллексияи навъҳои себҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05.-Селексия ва тухумпарварии растаниҳои кишоварзӣ.

Таҳқиқоти диссертатсионии Намозов Амонулло Каримхонович дар мавзӯи «Омӯзиши агробиологии коллексияи навъҳои себҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор» муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии ба анҷомрасида донист мешавад ва дорои ҳалли масъалаи аҳамияти соҳавӣ дошта ба шумор меравад. Мавзуи таҳқиқотии диссертатсионӣ омӯзиши агробиологии коллексияи навъҳои себҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисорро дарбар мегирад. Хусусан, дар он барои парвариши дарахтони себ базаи маълумотнома бо тавсифи пурраи 5- навъи маҳаллӣ, 6- навъи воридшуда ва 4- шакли ёбоӣ дар шароити водии Ҳисор, ки аз рӯйи аломатҳои асосии селексионӣ ва иқтисодӣ пурарзишанд, тартиб дода шудааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Яке аз бахшҳои асосии пешбарандаи иқтисодиёти мамлакат соҳаи кишоварзӣ ба шумор рафта, дар солҳои охир новобаста аз таъсири офатҳои табиӣ, омилҳои бӯҳронию антропогенӣ ва гармшавии иқлим дар сатҳи устувор қарор дорад. Аммо масъалаҳои муҳими соҳаи кишоварзӣ, аз он ҷумла сиёсати аграрӣ, номуайянии шаклҳои рушди минбаъдаи он пурра баррасӣ нашудаанд. Бинобар ин, аз тамоми имкониятҳои мавҷуда ба таври зарурӣ истифода намуда, самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва захираҳои табиӣ бояд баланд бардошта шавад.

**Навгонии илмиии таҳқиқот.** Диссертант бори аввал дар шароити водии Ҳисор баҳодиҳии агробиологии навъҳои маҳаллӣ, навъҳои

воридшуда ва шаклҳои ёбоии себ, хусусиятҳо ва қонуниятҳои зуҳуроти нерӯи мутобиқшавӣ ва маҳсулнокии навъу шаклҳои ояндадори себро вобаста ба тағйирёбии иқлим ва хосияти навъӣ муайян намудааст. Ӯ навъу шаклҳои нави себро, ки аз мавзеъҳои баланд ва популятсияҳои гуногуни водии Ҳисор интихоб намудааст, ки онҳо бо хусусиятҳои пуркиматашон аз дигар навъу шаклҳо, инчунин, аз як қатор навъҳои воридшуда (интродуксионӣ) фарқ доранд, барои корҳои селексионӣ истифода кардааст.

Аввалин маротиба аз байни шаклҳои ёбоии себ 4 - шакли ёбоии себ, бо аломатҳои ба хушкӣ устувор ҷудо карда шуданд. Дар шароити тағйирёбии иқлим баҳодиҳии устуворияхнокии навъу шаклҳои себ ба касалиҳои гардзанӣ ва қӯтурак, гузаронида шуд. Дар баробари ин афзоиши зарарнокии касалиҳои қӯтурак ва гардзанӣ, ки бо зиёд шудани таъсири маҷмӯи фишорҳо дар марҳилаи гулкунӣ ва пас аз он рост меояд, муайян карда шуд, ки он имкон дод навъ ва шаклҳои тобовартарин манбаъҳои ин аломат муайян карда шаванд. Ҳамчунин, бори аввал барои парвариши себ базаи маълумотнома, ки дар он тавсифи пурраи 5-навъи маҳаллӣ, 6- навъи воридшуда ва 4- шакли ёбоии себ, дар шароити водии Ҳисор омӯхта шудаанд ва аз рӯйи аломатҳои асосии селексионӣ ва иқтисодӣ пурарзишанд, таҳия намудааст.

**Аҳамияти амалӣ ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот.** Аҳамияти амалии таҳқиқоти мазкур дар он мебошад, ки қонуниятҳои амаликунии иқтидори мутобиқшавии навъу шаклҳои себ дар шароити ноустувори муҳити зист ва таъсири омилҳои таъсиррасон муқаррар карда шудааст. Дар баробари ин, диссертант оид ба хусусиятҳои биологии навъу шаклҳо ва навъҳои нави селексияи хориҷӣ донишҳои нав ба даст овардааст.

Ҳамзамон барои корҳои селексионӣ манбаъҳои нави хусусиятҳои пурқиматдоштаи себ муайян карда шудааст, ки ин имконият медиҳад шаклҳои ибтидоии волидайн барои дурагакунӣ самаранок интихоб шуда, раванди селексионӣ тезонида шавад. Барои истеҳсолот навъҳои

ояндадори дорои тамоми хусусиятҳои арзишнок ва аз ҷиҳати иқтисодӣ аҳамияти калон дошта, пешниҳод карда мешаванд, ки он самараи иловагӣ ба истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти Намозов А.К. дар он ифода ёфтааст, ки бо истифодаи интихоби навъҳои маҳаллии сермаҳсул, навъҳои воридотӣ ва шаклҳои ёбоии себ барои бунёд намудани боғҳои саноатӣ дар шароити водии Ҳисор, саҳм гузоштааст. Ҳамчунин, дар оянда ҳангоми бунёд кардани боғҳо, дар дигар минтақаҳои кишвар ин кор истифода бурда шавад. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки маводҳои пешниҳодшударо метавонанд дигар хоҷагиҳои кооперативӣ, фермерӣ, ки ба парвариши дарахтони мевадиҳанда машғуланд, истифода намоянд.

Натиҷаҳои илмӣ ва санҷиши истеҳсолии таҷрибаҳои саҳроӣ оид ба маҳсулнокии навъҳои маҳаллӣ ва воридотии себ дар асоси таҳқиқотҳои Намозов А.К., дар майдони 2 гектар дар хоҷагиҳои деҳқонии "Тағой"-и н.Вахши вилояти Хатлон ва дар Хоҷагиҳои деҳқонии «Сарикиштӣ»-и ноҳияи Рудакӣ амалӣ карда шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** . Муаллиф дар омода намудан ва интихоби дурусти мавзуи таҳқиқотӣ, иҷрои таҷрибаҳои саҳроию озмоишӣ, мушоҳидаҳои фенологӣ дар давраи нашъунамои дарахтони мевадиҳандаи навъҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии себ, таҳлили тағйироти миқдорию сифатӣ дар давраи нашъунамо, баҳодиҳӣ ба маҳсулнокии навъҳо, баҳодиҳии натиҷаҳои таҳқиқот саҳми бевосита дорад. Муаррифӣ ва баррасии натиҷаҳои гирифташуда, коркарди оморӣ, баррасии натиҷаҳои бадастомада, таҳлили натиҷаҳои асосӣ ва хулоса, навиштани мақолаҳои илмии нашршуда дар тӯли ҳама давраҳои иҷрои таҳқиқот, ки асоси диссертатсияи мазкурро ташкил медиҳад, муаллиф иҷрокунандаи асосӣ мебошад.

Дар рафти иҷрои кори илмии мазкур диссертант, натиҷаҳои илмии бадастомадаро дар 8-мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4- мақола дар маҷаллаҳои

тақризшавандаи КОА- назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 дастури таълими чоп намудааст. Аз рӯи шумораи маводҳои чопшуда, кори муалиф ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ» мувофиқат мекунад. Ҳамзамон дар вақти таҳияи кори диссертатсионӣ, истифодаи сарчашмаҳо ва дигар маводҳои илмӣ бо нишондоди манбаи ба дастоварда, дуруст риоя карда шудааст.

Кори диссертатсионии Намозов Амонулло Каримхонович дар мавзӯъи «Омӯзиши агробиологии коллексияи навъҳои себҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор» дар асоси талаботҳои Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Ташхиси аввалияи диссертатсия дар Маркази миллии захираҳои генетикии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон гузаронида шуда, натиҷаи он дар ҷаласаи Шурои олимон муҳокима гаштааст (протоколи №1 аз 4.07.2023).

Кори диссертант дар хулосаи Маркази миллии захираҳои генетикӣ мусбат арзёби ёфта, ба кори илмӣ баҳои объективӣ дода шуда, ба талаботи бандҳои 31, 32 ва 33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буданаш қайд карда шудааст.

Кори диссертатсионии мазкур кори илман асосноки ба итмомрасида ҳисобида шуда, дорои ҳалли масъалаҳои аҳамияти соҳавӣ дошта ба шумор меравад. Натиҷаҳои асосӣ ва муқаррароти кори пешниҳодгардида дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва дар шурои олимони кормандони илмии Маркази миллии захираҳои генетикӣ Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (солҳои 2014-2018) пешниҳод гардида, қобили дастгири шудаанд.

Мавзӯъ ва мазмуни кори диссертатсионии Намозов Амонулло Каримхонович аз рӯйи шиносномаи ихтисоси 06.01.05 - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ, инчунин ба талаботи феҳристи

ихтисосхое, ки аз рӯи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи илмӣ дода мешавад ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.10.2022 фармоиши №237/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, муофиқат мекунад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешавад ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми ноябри соли 2021, таҳти №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Кори диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорой пайдарҳамӣ ва натиҷаи нави илмии ба талаботи ҳимоя ҷавогуй мебошад, ки ин аз саҳми муаллифи кори диссертатсионӣ дар илм шаҳодат медиҳад.

Комиссияи ташхис дар асоси банди 62-63-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Карори Ҳукумати Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пешниҳод менамояд.

1. Диссертатсияи Намозов Амонулло Каримхонович дар мавзуи «Омӯзиши агробиологии коллексияи навъҳои себҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмпарварии растаниҳои кишоварзӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-064-и назди Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхисӣ Шурои диссертатсионӣ муқарризони расмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия шахсони мазкур таъйин карда шаванд:

- **Фелалиев Акрамшо Саидшоевич** - доктори илмҳои кишоварзӣ, академики АМИТ, сарходими илмии озмоишгоҳи мевапарварии Институти биологии Помир ба номи Х. Юсуфбекови АМИТ.

- **Бойматов Тоҷӣбой** – номзади илмҳои кишоварзӣ, досенти кафедраи агротехнология ва экологияи саноат-и ДПДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ дар ш.Хуҷанд.

5. **Ба ҳайси муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлати Бохтар ба номи Носири Хусрав таъйин карда шавад.

6. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи муассиса ва Комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

7. Санаи ҳимоя 10 апрели соли 2024, соати $14^{00}$ муқаррар карда шавад.

**Раиси комисия:**
доктори илмҳои кишоварзӣ,
академики АИКТ,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Бухориев Т.А.

**Аъзоёни комиссия :**
номзади илмҳои кишоварзӣ,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Саидзода Р.Ф.

Номзади илмҳои кишоварзӣ — Мубалиева Ш.

Имзои Т.А. Бухориев ва Р.Ф. Саидзода - ро тасдиқ менамоям: нозири кадрҳои Институти зироаткории АИКТ — Сайнизоми Б.

Имзои Ш. Мубалиева -ро тасдиқ менамоям: нозири кадрҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ — Умарова Н.

30.01.2024